# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба рисолаи номзадии Тиллобаева Салима Махмадалиевна дар мавзӯи « Аз таърихи инкишофи илми геометрия дар Осиёи Миёна ва Эрон дар асрҳои IX-XVII» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – таърихи илм ва техника (таърихи геометрия)

Илми геометрия аз илмҳои қадимтарин буда ба қоидаву формулаҳои он дар ҳаёт ва фаъолияти ҳаррӯза зарур мебошад, аз ин рӯ,аз давраҳои қадим ба ин фан таваҷҷӯҳи олимон зиёд будаанд ва аввалин асар дар ин самт дар асри сеюми пеш аз мелод  аз тарафи олими юнонӣ Евклид (Уқлидус) таҳия шудааст. Баъдан ба рушди ин илм олимон зиёд, аз ҷумла аз Осиёи Миёнаву Эрони асримиёна низ иссаи босазо гузоштаанд.

Бояд таъкид намуд ки омӯзиши таърихи геометрия ҳамчун ҷузъи таърихи тамаддуни он, ки аз қадимтарин мардуми замини Осиёи Миёна ба шумор рафта, дорои таърихи ғании моддиву маънавӣ мебошад, аҳамияти муҳими илмӣ касб мекунад.

На танҳо таърихи геометрия, балки дигар бахшҳои таърихи илм (таърихи физика, математика, химия, биология, тибб, техника)-и асрҳои миёна дар таърихи тамаддуни тоҷикон, гуфтан мумкин аст, то ҳанӯз комилан наомӯхта ба ҳисоб меравад.

Диссертатсияи номзадии Тиллобаева С.М.. «Аз таърихи инкишофи илми геометрия дар Осиёи Миёна ва Эрон дар асрҳои IX-XVII» бевосита ба мавзӯи мубрами рӯз, хусусан барои Тоҷикистони соҳибистиқлол таълиф гардидааст, ки аҳамияти муҳими илмӣ-таърихӣ дорад. Дар бораи мубрамият, дараҷаи омӯзиш ва ҷанбаҳои назариявию амалии рисола диссертант мушаххас ва нишонрас дар рисола ва автореферат ҳадафҳои корро дуруст баён кардааст. Аз ин рӯ лозим мешуморам, рисолаи номзадии Тиллобаева С.М. ба талаботи  Комиссияи олии аттестатсиони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Мазмуну мундариҷаи рисола дар ҳаҷми таълифгардида пурра мақсаду вазифаҳои диссертантро инъикос менамояд. Аз 22 нашрияи муаллиф, ки 9-и он дар маҷаллаҳои эътирофгардидаи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Федератсияи Русия ба табъ расидаанд, низ далели тасдиқи фикрҳои фавқуззикр аст.

Рисолаи диссертатсионии Тиллобаева Салима Махмадалиевна «Аз таърихи инкишофи илми геометрия дар Осиёи Миёна ва Эрон дар асри XIII» натиҷаи заҳматҳои пурсамари ӯ дар тӯли солиёни зиёд ба шумор меравад, ки дар таърихи геометрия, махсусан дар масъалаи омӯзиши таҳқиқотҳои олимони асримиёнагии тоҷику форс дар соҳаи геометрия ва татбиқи он дар рушди илмҳои дигар арзанда ба шумор меравад.

Ҳамаи натиҷаҳои ба даст овардаи Тиллобаева С.М. боэътимод мебошанд, ки дар хулосаҳои кори рисолаи номзадиаш асоснок карда шудаанд.

Мазмуну мундариҷаи умумии рисолаи диссертатсионии Тиллобаева С.М. – тавсифи қисмҳои назариявӣ ва амалӣ, дараҷаи пажӯҳиш, мулоҳиза ва хулосаҳо, ки дар рисола ва автореферат пешниҳод карда шудааст, ки мазмуни онро пурра инъикос менамояд.

Хулоса, кори диссертатсионии Тиллобаева Салима Махмадалиевна дар мавзӯи дар мавзӯи «Аз таърихи инкишофи илми геометрия дар Осиёи Миёна ва Эрон дар асрҳои IX-XVII» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – таърихи илм ва техника (таърихи геометрия) яке аз корҳои арзанда дар ин самт ба шумор рафта, ба талаботи ихтисос ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи он ба додани унвони илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи рамзи пешниҳодшуда сазовор аст.

**Роҳбари илмӣ:**
Профессори кафедраи алгебра ва
геометрия,доктори илмҳои педагогӣ
ва номзади илмҳои физика-математика Сатторов Абдурасул
Эшбекович

Имзои профессор Сатторов Абдурасул Эшбековичро
тасдиқ менамоям

Сардори шӯъбаи кадрҳои Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав **Шукуров Ҷ.А.**

11.11.2020